# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсия ва автореферати Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ)

*Мубрам будани мавзуи диссертатсия.* Мубрамии мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи таҳқикнамудаи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна яке аз мавзуъҳои муҳим ва ҳалталаби педагогикаи муосир ба ҳисоб меравад. Зеро, тавре ки муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ изҳор намудааст, муҳим будани мавзуи таҳқиқотро тамоюлҳои муосири рушди таҳсилоти ватанӣ ва ҷаҳонӣ муайян мекунанд, ки ба тарбияи шахсияти эҷодкор ва аз синни кӯдакӣ ҳамаҷониба рушдёфта, нигаронида шудаанд.

Таҳаввулоти амиқи иҷтимоию иқтисодии тайи даҳсолаҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баамаломада, афзалиятҳои нави иҷтимоию иқтисодӣ дар маҷмуъ бо рушди босуръати илму техника, зарурати ташаккули насли нави эҷодкор, дар шахсияти дорои тафаккури мустақил, фаъолнокӣ ва муносибати эҷодкорона дар ҷиҳати ноилшавӣ ба ҳадафҳои гузошташуда, дорои доираи васеи салоҳиятҳои касбӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ, идроки масъулияти худ барои ояндаи кишвар ва нақши худро дар ташаккули он ба миён гузоштааст. Тоҷикистони муосир ба ашхоси бомаърифат ва эҷодкор ниёз дорад, ки мустақилона қодир ба бунёди роҳи зиндагии худ ва расидан ба ҳадафҳои шахсӣ ва касбии худ бошанд.

Дар иртибот ба ин аҳдоф, месазад зикр кунем, ки аҳамият ва зарурати ташаккули фаъолияти маърифатӣ ва эҷодӣ дар сатҳи тарбияи томактабӣ, ки роҳҳои омӯхтани олами атрофро барои кӯдакон муайян мекунанд, қобилияти ташаккул додани раванди мустақилонаи ҷустуҷӯ, гузаронидани таҳқиқот ва иҷрои маҷмӯи амалиёти гуногун барои коркард, ба низом даровардан, ҷамъбасткунӣ ва ба кор бурдани маълумоти бадастовардаи худи толибилм, маҳсуб меёбад.

Аз ин рӯ, муассисаи таҳсилоти томактабӣ бояд ба тарбиятгирандагон имконият фароҳам оварад, ки ихтироъ кардан ва гузаронидани таҳқикот, фаҳмидан ва азхуд кардани чизҳои нав, баёни нуқтаи назари худ, ташаккули баёни озод, қабули қарорҳо ва ҷустуҷӯи маълумоти заруриро ёд гиранд, пас зарур аст, мураббӣ бо афзори арзёбии муваффақияти бачагон дар азхудкунии ин натиҷаҳо, фароҳам овардани имкони муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи ҳар як кӯдак дар раванди азхудкунии малакаҳои муайян барои эҷоди муҳити инфиродии таълимӣ талош варзад.

Бояд таъкид созем, ки масъалаи ташаккули шароитҳои ташкилию педагогӣ, амсилаи ташаккул ва баҳодиҳии салоҳиятҳои маърифатӣ ва эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ муҳим арзёбӣ шуда, аҳамияти илмиву амалии таҳқиқоти мазкурро бозгӯ мекунад.

Ҳадафи андешаҳои дар боло қайдгардида дар онанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна, дар шароити муосир мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир ба таълиму тарбияи насли наврас ва рушди салоҳиятҳои маърифативу эҷодкории онҳо дар заминаи таҳаввулоту ислоҳоти куллие, ки солҳои охир дар таҳсилоти Тоҷикистон, махсусан дар шароити гузариш ба муносибати босалоҳият ба таълим рӯйи кор омадаанд, таҳия ва барои дифоъ пешниҳод шудааст.

Аз ин нуқтаи назар, месазад, ки таҳқиқоти мавриди баррасӣ қарордоштаро ниҳоят мубрам, саривақтӣ ва мувофиқ ба ниёзҳои таҳсилоти муосир арзёбӣ кунем.

*Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.* Бояд қайд намоем, ки диссертатсияи муаллиф фарогири тамоми ҷанбаву паҳлӯҳои назариявию амалии вазифаҳо ва фарзияи илмии диссертатсия мебошад. Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо, ҳамчунин хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар

натиҷа фарзияи илмии пешнҳодкардаи ӯ дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Навгонии илмии таҳқиқот бо асосҳои назариявӣ, илмӣ ва воқеӣ тақвият ёфта, асосноку боэътимоданд. Зеро таҳлилу баррасии таҳқиқоти диссертатсионӣ, натиҷаи корҳои озмоишӣ, хулосаи бобҳо, хулосаҳои умумӣ ва тавсияҳои методии пешниҳодшуда собит месозанд, ки дар воқеъ аз ҷониби муаллифи диссертатсия:

- мафҳуми «ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ»-и бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тавсифу мушаххас карда шудааст, ки он маънои тағйирёбии сифатҳои шахсияти кӯдаки синни томактабиро таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва беруна дар бар мегирад;

Муаллифи диссертатсия мафҳуми "салоҳияти маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактаби"-ро ҳамчун сифати шахсии ҷанбаи умумидошта дар назар дорад, ки ҳавасмандӣ, қобилияти муайян кардани вазифаи эҷодӣ ва дарёфти роҳҳои ҳалли он тавассути худназораткунӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегирад.

- имконоти педагогӣ ва иҷтимоии низоми таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ ошкор карда шуданд, ки он ба худмуайянкунӣ, худифодасозӣ, ба ҳадди аксар кушодашавии иқтидори эҷодӣ ва зеҳнии кӯдакон мусоидат мекунанд. Муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дорои вижагиҳои зерин мебошанд:

- меъёрҳо ва нишондиҳандаҳое, ки барои арзёбии савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ заруранд, муайян карда шудаанд;

- амсила ва шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, ки аз чаҳор бахш - методологӣ, технологӣ, мухтавоӣ ва баҳодиҳӣ иборат аст, таҳия ва тасвибу татбиқ шуда, самаранокии он собит карда шудааст.

Илова ба ин, дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ва озмоишӣ масъалаҳои зиёди шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои

таҳсилоти томактабӣ ба таври самаранок ҳаллу фасли худро ёфта, маҷмӯи воситаҳои муассири ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабӣ муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин мекунанд, ки аз навгониҳои дигари таҳқиқоти диссертатсионӣ довталаб дарак медиҳанд, аз он ҷумла:

1) маҷмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

2) барномаи таълими томактабии дорои ҷанбаи рушди умумии ба ташаккули қобилияти бадеии бачагон нигаронидашуда таҳти унвони «Устохонаи сеҳрнок» коркард ва тасвибу татбиқ карда шудааст;

3) тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба мураттабсозии барномаи таълими рушди умумии кӯдакони синни калони томактабӣ бо дарназардошти вазъияти кунунии таҳсилоти томактабӣ дар ҷумҳурӣ, таҳия ва ироа шудааст.

Нуктаҳои илмии зерини аз ҷониби муаллифи таҳқиқот ба ҳимоя пешниҳодшуда, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Мафҳуми “ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаи таҳсилоти томактабӣ”, тағйироти сифати шахсияти кӯдаки синни томактабиро таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар назар дорад.

Мураббии муассисаи таълимии томактабӣ дар ҷараёни кори таълиму тарбия, ки ба татбиқи барномаи таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, таъсири педагогӣ мерасонад. Савияи фаъолнокии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ бо ҳавасмандии дохилии онҳо, қобилияти ҷудо кардани вазифаи эҷодӣ ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли он тавассути худидоракунӣ ва худтанзимкунӣ муайян карда мешавад.

2. Низоми таҳсилоти томактабӣ ҳамчун як соҳаи фаъолияти педагогӣ, ки барои таъмини рушди эҷодии бачагони синни томактабӣ пешбинӣ шудааст, бо чунин хусусиятҳо ба монанди ҳаракатнокӣ, кушодагӣ, чандирият фарқ мекунад, ки дар маҷмуъ имкон медиҳад, ба дархостҳои ҷанбаи таҳсилотидошта аз тарафи давлат, ҷомеа ва оила ба

зудӣ ҷавоб диҳем. Неруи педагогӣ ва иҷтимоии низоми таҳсилоти томактабӣ ғанитарин сарват ва воситаи тавонои рушди неруи эҷодӣ ва зеҳнии бачагони синни калони томактабӣ мебошад.

Таҳти мафҳуми “ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии бачагон дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ”, раванди тарҳрезишудаи педагогиро дар назар дорад, ки ба он мунтазамӣ ва мақсаднокӣ хос буда, ҷузъи ҷудонашавандаи таркибии раванди ташаккули шахсияти гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ мебошад.

3. Дар байни нишондихандаҳои асосие, ки савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар шароити муассисаи таҳсилоти томактабӣ тавсиф мекунанд, инҳо қайд карда шудаанд: савияи зуҳуроти фардият ҳангоми иҷрои кори эҷодӣ; қобилияти амалӣ намудани ғояи эҷодӣ дар тайёркунии маснуот; маҳсулнокии фаъолияти эҷодӣ, ки хоҳиши кӯдакро барои расидан ба ҳадафи ниҳоӣ ҳангоми иҷрои саҳеҳ ва бо сифати баланд дар бар мегирад; маҳорати ба кор бурдани техникаи гуногун ва кор бо навъҳои гуногуни мавод ва асбобҳо. Тағйироти нишондиҳандаҳои савияҳо имкон медиҳад, ки динамикаи раванди ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ пайгирӣ карда шаванд.

4. Барои таъмини самаранокии раванди ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ бояд шароити зерини педагогӣ иҷро карда шаванд:

- ҳавасманд намудани бачагон ба фаъолияти мустақилонаи эҷодӣ;
- фароҳам овардани вазъияти муваффақиятнок;
- таъмини ҳуқуқи озодонаи интихоби шакл ва самтҳои фаъолияти хусусияти эҷодӣ ва бадеидоштаи бачагон;
- мурочиат ба шаклҳои гуногуни ташкили кори эҷодӣ;
- корбаст намудани усулҳои фаъолияти таҳқиқотӣ.

*Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.* Муқаррароти назариявии таҳқиқот ба таври кофӣ далелнок карда шуда, дар асоси таҳлилу баррасии адабиёти илмӣ дар соҳаи методикаи таълим,

педагогика ва психология, кори тачрибавию озмоишӣ оид ба мавзуи таҳқиқот ва арзёбии онҳо аз ҷониби муаллифи диссертатсия мураттаб шудаанд.

Яке аз ҷамбаҳои хуби таҳқиқоти диссертатсионии Мансурова Дилрабо дар он аст, ки мавсуф масъалаи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодиро дар гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ ва механизми амалигардонии онро дар низоми таҳсилоти томактабӣ ҳам аз таҷрибаи муҳаққиқони хориҷӣ ва ҳам аз дидгоҳи олимону пажӯҳишгарони варзидаи ватанӣ ҳаматарафа омӯхта, таҳлил ва коркард намуда, натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи худро дар шакли хулосаҳо ва тавсияҳои методӣ омода ва пешниҳод карда, барои исботи андешаҳои худ аз осори илмии олимони маъруфи муосири тоҷику хориҷи кишвар андешаву мулоҳизаҳои хеле зиёду арзишмандро овардааст, ки дурустиву эътимоднокии навгониҳои илмӣ, натиҷаҳои таҳқиқот ва хулосаву тавсияҳои пешниҳодкардаи муаллифро боз ҳам возеҳтар собит месозанд.

Дастовардҳои таҳқиқот бо такя ба методологияи илмӣ, манбаъҳои гуногуни иттилооти методӣ, педагогӣ, психологӣ, таҳлилу таърифи бисёрсатҳаи мафҳумҳои асосӣ, истифодаи мақсадноки методҳои ҳамдигарро мукаммалкунандаи таҳқиқотӣ, таҷрибаи шахсии худи муаллиф ки ба ҳадаф, предмет, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқанд, таъмин карда шуданд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба туфайли заминаи муосири методологӣ ва назариявӣ, омӯзиши рушди системаи таҳсилоти томактабӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳолати кунунии он, истифодаи равишҳо ва принсипҳои умумипедагогӣ муқаррааргардида таъмин гардидааст ва натиҷаҳои бадастовардашуда дар корбурди доираи васеи методҳои таҳқиқот якдигарро пурра мекунанд.

Тасвиб ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот дар ҷараёни таҳқиқоти озмоишӣ, ки ба татбиқи барномаи муаллиф нигаронида шудааст, амалӣ карда шудааст. Дар асоси нуктаҳои асосии таҳқиқот барои конфронсҳо ва семинарҳо дар сатҳҳои гуногуни донишгоҳӣ то ҷумҳуриявӣ гузоришу маърӯзаҳо омода карда шуданд.

Ғояҳои асосии таҳқиқот, инчунин натиҷаҳои илмии он дар 16 номгӯй мақолаҳои илмии нашрнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ инъикоси худро ёфтаанд, ки аз он ҷумла 4 мақола дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи шомили феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии Муассисаи давлатии таълимии "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров", ҷаласаҳои кафедраи педагогика ва психологияи томактабии донишгоҳи мазкур ва дар конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ ва амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳ ироа шуда, тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

*Аҳамияти илмӣ, амалӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.* Арзиши илмиву амалӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй Мансурова Дилрабо аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бармеояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари онанд:

- амсилаи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ дар асоси равишҳои салоҳиятнокӣ, фарҳангшиносӣ, аксиологӣ, субъектӣ-фаъолиятӣ ва системавӣ барои дарки вижагиҳои раванди мазкур таҳия шудааст, ки он дар ташаккул ва тавсеаи илмии назарияи таълими томактабии бачагон саҳми муайяне гузошта метавонад;

- барои такмил ва ба низом даровардани дастгоҳҳои истилоҳотӣ ва мафҳумии масъалаҳои дар доираи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ баррасишаванда корҳои зиёде ба субот расонда шуда, ҷузъи мухтавоии мафҳуми «салоҳияти эҷодию маърифатии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ » таҳқиқ гардидааст;

- заминаи методологии тайёрии томактабии бачагон бо фаъолияти аз ҷиҳати назариявӣ асоснокшуда ва дар амал татбиқшавандаи педагогӣ, ки ба ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ нигаронида шудааст, такмил ва ғанӣ гардонида шуда, тавсифоти муфассали технологияҳои педагогӣ, шароит ва методҳои фаъолиятҳои мухталиф дар ин ҷода ироа шудааст;

- равишҳои педагогӣ нисбат ба меъёрҳои ташхиси савияи ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тавсеа ёфтаанд, ки робитаи байни ҷузъҳои таркибии ангезавӣ, амалӣ ва мухтавоиро ифода мекунанд.

- маҷмӯи воситаҳои муассире муайян карда шудаанд, ки ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодии гурӯҳи бачагони синни калони томактабиро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ таъмин мекунанд, аз ҷумла:

– маҷмӯи махсуси воситаҳои ташхис барои муайян намудани савияи ташаккули салоҳияти маърифатию эҷодӣ таҳия шудааст;

- таҳия ва тасвиби барномаи таълимии томактабии дорои ҷанбаии рушди умумии ташаккули қобилияти бадеии бачагон бо номи «Устохонаи сеҳрнок» гузаронида шудааст, ҳамчунин, тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба мураттабсозии барномаи таълимии рушди умумӣ, ки дар он вазъияти кунунии таҳсилоти томактабиро дар ҷумҳурӣ ба назар гирифта шудааст, мураттаб ва манзур гардидааст, ки онҳоро дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии ҷумҳурӣ метавонанд ҷиҳати ташаккули салоҳиятҳои маърифатию эҷодӣ ба таври васеъ истифода баранд.

*Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.* Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар нашрияҳои илмии тақризшаванда дар 16 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 4 номгӯй мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боқимонда дар дигар нашрияҳо, маводи конференсияҳои илмии донишгоҳӣ ва ҷумҳуриявӣ ба табъ расидаанд, ки муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос мекунанд.

*Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.* Мазмун ва мундариҷаи диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи “Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ба самтҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ), аз он ҷумла, ба банди 1 - Назария, методика ва методологияи таҳқиқи масъалаҳои тарбия, таълим ва инкишофи кӯдакони синни томактабӣ ва банди 11 - Коркарди барномаҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки тарбия ва таълими кӯдакон мувофиқ ба мазмуни фаъолияти педагогӣ мутобиқат дорад.

*Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.* Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферати Мансурова

Дилрабо Қодирҷоновна ба талаботи Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферратҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда, мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода карда, тасаввуроти аникро доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи Комиссия ва Дастурамал аз ҷиҳати илмию-методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ ва амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

Диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал фаҳмо, бо лаҳни равони тоҷикӣ, босаводона навишта шуда, тартиби таҳия, ҷобаҷогузории қисмҳои алоҳидаи он, робитаи мантиқӣ ва мутасилӣ ба пуррагӣ риоя карда шудааст. Доир ба ҳар як боб ва умуман ба рисола хулосаҳои возеҳ бароварда шудааст.

*Эрод ба таҳқиқоти диссертатсионӣ.* Дар баробари дастовардҳои муҳими илмиву амалии дар фавқ баёншуда, дар диссертатсия ва автореферати он баъзе камбудиву ғалатҳо ба назар мерасанд, ки зикри онҳоро зарур мешуморем:

1. Муаллиф дар диссертатсия масъалаҳои марбут ба салоҳиятҳои асосие, ки барои рушди кӯдакони синни калони томактабӣ заруранд ва аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ин салоҳиятҳо ҳамчун салоҳиятҳои калидӣ қабул шудаанд, кам аҳамият додааст. Ба ин солоҳиятҳо: меҳорати омӯзиш, коммуникативӣ, тафаккури интиқодӣ, ҳамкорӣ ва эҷодкорӣ мансуб буда, дар раванди ба роҳ мондани ҳама гуна омӯзишҳо зарур мебошанд. Бисёр хуб мешуд, агар муаллиф дар баробари баррасии масъалаи салоҳиятҳои маърифативу эҷодӣ, роҷеъ ба салоҳиятҳои асосӣ низ маълумоти бештар дода, фарқияту вижагиҳои ҳар яке аз онҳоро ба таври муфассал шарҳ медод ва мутмаинем, ки аз анҷоми ин амал муҳтавои диссертатсия боз ғанитару мукаммалтар мешуд.

2. Дар диссертатсияи муаллиф таъкид кардааст, ки муҳаққиқони тоҷик, ба монанди Лутфуллозода М., Шарифзода Ф., Раҳимов Б., Маҷидова Б., Нуров А., Шарофов Ш., Обидова М., Иматзода Л., Ҷалолова Г., Иззатулоев Р., Каримова Д.И., Турғунова З.К.,

Муҳиддинова Ш. ва дигарон таҳқиқоти худро қисман ба ҳамин мавзуъ бахшидаанд ва дар ин росто, масъалаи мавриди назар аз ҳама бештар ва ба таври густурдатар дар осори илмии профессор Маҷидова Б. инъикоси худро ёфтааст. Вале, мутаассифона, дар диссертатсия аз таҷрибаи мутахассисони ватанӣ намуна ва иқтибосҳо хеле кам оварда шудаанд. Хуб мешуд, агар муаллиф дар кори диссертатсионии худ аз таҷрибаи мутахассисони ватанӣ васеътар истифода мекард ва мисолҳои фаровон ироа мекард.

3. Аз назари мо, бисёр хуб мешуд, агар тавсияҳои методӣ, на ба шакли умумӣ якҷоя бо хулосаи умумӣ, балки дар алоҳидагӣ коркард ва пешниҳод мешуданд.

4. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе ғалатҳои техникиву имлоӣ роҳ ёфтаанд, ки таҳриру ислоҳ мехоҳанд.

Ҳамзамон афзуданием, ки ин нуқсу ғалатҳоҳо ба ҳеҷ ваҷҳ арзиши илмиву амалии диссертасияро халалдор намекунанд.

## ХУЛОСА

1. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯй Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна кори ба итмомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона дар сатҳи нисбатан хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

3. Диссертатсияи Мансурова Дилрабо Қодирҷоновна дар мавзуи "Шароитҳои педагогии рушди салоҳиятҳои маърифатӣ-эҷодии бачагони синни калони томактабӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) пешниҳод гардидааст,

ба талаботи Низомномаи шурои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудаанд, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.06 – Назария ва методикаи тарбия (13.00.06.01 – Назария ва методикаи тарбияи томактабӣ) мебошад.

Муқарризи расмӣ:
Доктори илмҳои педагогӣ,
профессори кафедраи
педагогикаи умумидонишгоҳии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Юнусова Н.М.

30.08.2024

**Маълумот барои тамос:**
Нишонӣ: 734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Хиёбони Рӯдаки 17, E-mail: info@tnu.tj;
nafisa48@mail.ru.

*Имзои Юнусова Нафисахон Муродовнаро тасдиқ мекунам.*

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Тавқиев Э.